«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
______________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«19» ___03___ 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович таҳқиқоти илмии анҷомёфта мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми диншиносӣ – институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ бахшида шудааст. Муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, тахти №38 ҳуқуки қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Институти оила яке аз институтҳои муҳимми ҷомеа ба шумор рафта, пайваста мавриди таҳлил ва омӯзиши илмҳои соҳа қарор мегирад, ки дар натиҷа ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст. Аҳаммиятнокии ниҳоди оила, махсусан, дар зардуштия ва ислом дар он ифода мегардад, ки он дар тӯли таърих ҳолатҳои гуногунеро аз сар гузаронида, нисбат ба унсурҳои ҷудогонаи он таҳаввулот сурат гирифтааст. Масалан, мавҷудияти назариявии никоҳи

маҳорим ва бисёрзанӣ дар зардуштия, ё ин ки ислом дар сарзамине зуҳур кард, ки дар он ҷо занситезӣ ба дараҷаи баланди худ расида буд ва ислом то кадом андоза ин амалро коҳиш дода, ба ҳолати зан-модар ҳамчун унсури асосии оила чӣ андоза беҳбуд бахшид? Ба ҳамин монанд масъалаҳо дар диссертатсияи Одинаев Б.А. ҳаллу фасл гардидаанд, ки аз аҳаммиятнокии мавзуи мазкур дарак медиҳанд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии докторант бисёр мубрам ва рӯзмара ба ҳисоб меравад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар таҳлили як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба институти оила дар зардуштия ва ислом мебошанд, ба муваффақият ноил гардидааст. Ҳамзамон, мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илмҳои фалсафӣ-диншиносии ватанӣ ва тадвини барномаву воситаҳои таълимӣ метавонад саҳми назаррас гузорад:

а) нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин муайян намудани заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия мебошад. Диссертант бо истинод аз сарчашмаҳои илмӣ ташаккули ниҳоди оиларо дар зардуштия дорои заминаҳои пурқуввати иҷтимоӣ дониста, иброз намудааст, ки бунёди оила дар зардуштия кори неке ба шумор меравад ва он дар асоси суннати моногамия сурат мегирад (саҳ. 18).

б) бахши дигари муваффақияти диссертант аз он иборат аст, ки ӯ дар асоси таълимоти зардуштия муайян намудааст, ки дар оини мазкур барпо намудани оила бисёр кори писандида ба шумор рафта, аз он саркашӣ кардан ва ихтиёри зиндагӣ ба ҳолати танҳоӣ амали railnописанд ва мавриди накуҳиш ба шумор меравад. Ҳамчунин, муаллиф дар ин қисмат қайд намудааст, ки шарти асосии ташкили ниҳоди оила дар зардуштия зардуштӣ будани субъектони ақди никоҳ мебошад (саҳ. 44, 145).

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин баррасии таҳаввули институти оила дар зардуштия мебошад. Номбурда қайд намудааст, ки институти оила дар зардуштия аз

пайдоиш то ба имрӯз зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ – таърихӣ қарор гирифтааст. Масъалаи муҳимме, ки то ҳол ҳалли ягонаи худро наёфтааст, ин масъалаи никоҳ бо маҳорим мебошад. Оид ба масъалаи мазкур диссертант пажӯҳишҳои олимоне, ки аз мавҷудияти чунин навъи никоҳ дар зардуштия ҷонибдорӣ мекунанд, ҷамъоварӣ намуда, дар охир чунин хулоса баровардааст, ки сарфи назар аз эҳтимолоту тахминҳо бояд таъкид намуд, ки аксари файласуфону муаррихон ҳатто муҳаққиқоне, ки ба мавҷудияти никоҳи эндогамияи шадид дар зардуштия муътақиданд, оини мазкурро дини яктопарастию тавҳидӣ ба қалам медиҳанд. Ва ин аз мантиқ дур аст, ки чунин догмаи ахлоқӣ – никоҳ бо маҳоримро ба як дини тавҳидӣ – зардуштия нисбат дод. Зеро динҳои яктопарастӣ аз чунин як амали нанговар муназзаҳанд. Ин навъи никоҳ дар натиҷаи таҳаввули таърихии оини зардуштия ва тағйири вожаву мафҳумҳо дар зеҳни инсоният ва сипас, дар ҳаёти маишӣ-иҷтимоии он ба вуҷуд омадааст (саҳ. 67-76).

г) муваффақияти навбатии муаллиф дар ин қисмат таҳлили масъалаи пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом мебошад. Зимни баррасии масъалаи мазкур диссертант аз нигоҳи ислом издивоҷ ва ташкили хонаводаро расидагӣ кардан ба талаботи фитрӣ-табиӣ ва иҷтимоӣ – таърихӣ ба қалам додааст (саҳ. 85).

ғ) муаллифи диссертатсия дар таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом низ ба муваффақият ноил гардида, ҳамоҳангӣ ва номувофиқии унсурҳои институти оиларо миёни зардаштия ва ислом нишон додааст  (саҳ. 140-152).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузоштташударо оид ба институти оила дар зардуштия ва ислом мақсаднок таҳлил намуда, нуктаҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми диншиносии ватанӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти

таърихӣ-диншиносии комплексӣ оид ба масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти масоили марбут ба институти оила истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҳалталаби соҳа мусоидат намоянд. Маводҳои таҳқиқотии онро барои омодасозии китобҳои дарсӣ ва матни лексияҳо на танҳо дар илми диншиносӣ, балки дар фалсафа, фарҳангшиносӣ, сотсиология, таърих ва дигар илмҳои ҳамсон низ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки барои пешрафти ҷомеаи демократии кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи институти оила истифода бурд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Дар тавсияи якуми амалии худ диссертант пешниҳод намудааст, ки қонунгузории оилавӣ таҷдиди назар карда шуда, дар он шарту талаботҳои махсус оид ба қатъ кардани никоҳ муқаррар карда шавад. Номбурда илова намудааст, ки ҳангоми қатъ кардани никоҳ шартҳо гузошта шаванд, ки мард на танҳо фарзандонро, балки занро низ марвиди таъминоти моддӣ қарор диҳад. Мо фикр мекунем, ки тавсияи мазкур қобили дастгирист, зеро моро лозим аст, ки ҳамчун як миллати дорои арзишҳои волои инсонӣ ҷомеаи худро аз хатари пошхӯрии оилаҳо, бепарастор мондани фарзандон ва барҳам хӯрдани арзишҳои оилавӣ эмин нигоҳ дорем.

2. Муаллиф дар тавсияи амалии навбатӣ ёдоварӣ намудааст, ки масоили ахлоқӣ, муоширати иҷтимоию оилавӣ, худшиносӣ ва ҳувияти фарҳангӣ-миллӣ аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷаи илмҳои соҳа ба шумор рафта, таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар замони ҳозира мубрамияти нав ба нав ба даст оварда истодааст. Дар таълимоти зардуштия ва ислом оид ба ҳалли чунин масоил андешаҳои ҷолибе пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, муҳтавои таълимоти мазкур, ки дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидааст, метавонад перомуни таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини фалсафию диншиносӣ ба монанди таълимоти зардуштия ва ислом оиди институти оила ҳамчун базаи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон қарор гирад.

3. Дар дигар тавсияи амалии таҳқиқот диссертант аз болоравии сатҳи талоқ дар ҷомеа изҳори нигаронӣ намуда қайд кардааст, ки ҷудошавии оилаҳо, махсусан, оилаҳои ҷавон бештар ба назар мерасад. Маврид ба тазаккур аст, ки кандашавии никоҳ ба шахси қатъкунандаи никоҳ оқибатҳои манфии зиёдеро пеш меоварад, аз ҷумла, баҳсҳо доир ба тақсими молу мулк, дар назди мард ё зан қарор гирифтани фарзандон, пардохти алимент, маскуннамоӣ ва ғайра. Яке аз сабабҳои кандашавии никоҳ ин дар сатҳи пасти маърифати оиладорӣ қарор доштани никоҳшавандагон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки аз ҷониби мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ курсҳои кӯтоҳмуддати маърифати оиладорӣ ташкил карда шуда, ҳар як марду зани никоҳшаванда аз он гузаранд. Пас аз гузаштани курс ба марду зан аз тарафи мақомоти мазкур маълумотнома дода шуда, танҳо пас аз пешниҳоди чунин маълумотнома никоҳи марду зан ба қайд гирифта шавад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меранвад, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Нашри натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15

мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 адад дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

**Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Одинаев Б.А. баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки дар дини зардуштия издивоҷ бар пояи якҳамсарӣ устувор аст ва ҳеҷ марди зардуштӣ ҳақ надошт бо доштани як зан, зани дигаре интихоб кунад (саҳ. 77). Аммо, муаллиф аз дигар муҳаққиқон иқтибос оварда, дар хусуси бисёрникоҳӣ ишора намудааст (саҳ. 76). Бинобар ин, андешаҳои мазкур баҳсбарангез буда, аз муаллиф асоснокнамоии иловагиро талаб менамояд.

2. Муаллиф дар матни диссертатсия аз андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқ низ истифода бурдааст. Инчунин, дар тавсияҳои амалии диссертатсия пешниҳодҳо ба қонунгузорӣ низ мушоҳида мегардад. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки оё ин амал боиси дигаргуншавии самти таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ намегардад?

3. Муаллиф синни никоҳиро дар таълимоти зардуштия ва ислом мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, дар натиҷа муайян кардааст, ки дар таълимоти зардуштия синни никоҳӣ аз 15 солагӣ ва дар таълимоти ислом барои занҳо аз 9 то 17 солагӣ ва барои мардон аз 12 то 18 солагӣ таъйин шудааст (саҳ. 146-147). Аммо, андешаи муаллифонаи худро баён накардааст, ки дар замони имрӯза барои барпо намудани оилаи солим кадом синни никоҳӣ мувофиқ мебошад. Бо ин назардошт, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки оид ба масъалаи мазкур андешаи худро изҳор намояд.

Аммо, эрод ва хатогиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ надошта, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31, 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус, мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротои мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Манғитов М.М. омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар: тарафдор 22 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Суратмаҷлиси №8, аз 18-уми марти соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
И. в. мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Носиров С.Ш.**

**Ташхисгар:**
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа **Манғитов М.М.**

**Котиби ҷаласа:**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Сангинов Д.**

Имзои С.Ш. Носиров, М.М. Манғитов, Д. Сангиноврo тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Шарипов У.А.**

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Тел: (+992) 227-30-75 (факс), Email: tgfeu@mail.ru